**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи „Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)“ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии он буд, ба соҳаи илму маориф ахамияти махсус дода мешуд, ки он ба хеле хуб омӯхта шудани ёдгориҳои археологӣ ва тартиб додани харитаи бостоншиносии Тоҷикистон мусоидат менамуд. Дар ин раванд омӯзиши ҳар як минтақаи Тоҷикистон, аз ҷумла таърихи омӯзиши бостоншиносии ноҳияҳои шимоли ҷумҳуриамон, дорои хусусиятҳои ба худ хос дорад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи «Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шӯравӣ (солҳои 1929-1989)» аз ҷониби Хайруллозода Кароматулло икдоми саривахтӣ буда ва он дорои ахамияти калони илмист.

Диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб ва хулоса иборат мебошад. Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омузиши он, сарчашмаҳои омузиши мавзуи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии тадқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар диссертатсияи мазкур мавод вобаста ба нақшаи кор системанок баён карда шудааст. Дар се бобҳои рисола муаллиф бо такя ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои экспедитсия ва дастаҳои археологӣ, асархо ва мақолаҳои илмии ба нашр расидаи олимони шинохта ба мисли Н.Н.Неъматов, Б.А.Литвинский, В.А.Ранов, ва хусуан аъзоёни Экспедитсияи бостоншиносии комплексии Тоҷикистони Шимолӣ – Ӯ.Пӯлотов, А.Мирбобоев, К.Д.Салтовская, Р.Афзалов, Т.В.Беляева, А.Билолов, П.Т.Самойлик, В.Ҷумъаев ва дигарон заминахои пайдоиш ва рушди археологияи тоҷик, муассиса ва экспедитсияҳои бостоншиносӣ, ки бо таҳқиқи ёдгориҳои археологии Тоҷикистони Шимолӣ машғул буданд хеле хуб ба риштаи тахлил кашидааст. Кобили зикр аст, ки навоварии рисолаи Хайруллозода Кароматулло аз он иборат аст, ки он нахустин таҳқиқот оид ба ин мавзуъ дар илми таърихи ватанӣ ба хисоб рафта, дар он таҳлили хамаҷонибаи таърихи омӯзиши археологии дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон, мушкилоту дастовардхо дар ин замина ҷой дошта, хамаҷониба мавриди тахлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулоса, натиҷаҳои умумии тадқиқот ҷамъбаст ва пешниҳодоти муаллиф барои рушди бостоншиносии тоҷик дар омӯзиши Тоҷикистони

Шимолӣ оварда шудаанд. Умуман, рисолаи номзадии Хайруллозода Кароматулло дар сатхи зарурии илмӣ - назариявӣ навишта шудааст ва он бешак сахми мухимми муаллиф дар таърихшиносию бостоншиносии Тоҷикистон мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо чунин мешуморем, ки диссертатсия дар мавзуи „Таърихи таҳқиқи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (1929-1989)“ ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгу буда, муаллифи он Хайруллозода Кароматулло сазовори гирифтани унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) аст.

**Дотсенти кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омузгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**номзади илмхои таърих** **Ғозӣ Гадоев**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
Тел.: + 992 93 5369997

**Имзои Ғозӣ Гадоев-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

**17.03.2024 с.**